«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ________________**

**«__25__» _______________ соли 2025**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ҳабибзода Назира Халил унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Ҳабибзода Назира Халил соли 1985 ба факултети таърихи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) дохил шуда, онро соли 1991 хатм намуда, соли 1996 ба шуъбаи ғоибонаи (таҳсилоти дуюми олӣ)-и факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, онро соли 2000 хатм намудааст.

Аз соли 1997 то соли 2013 ба ҳайси лаборанти калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ; аз соли 2013 то 2024 лаборанти калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ; аз соли 2024 ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ кору фаъолият менамояд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2023 №18-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ қабул гардидааст. Айни замон унвонҷӯи соли сеюми кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ ба шумор меравад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 №8 (21-22) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти

экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 31 январи соли 2025, №2 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2025, №11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисос 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқат мекунад.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030 анҷом дода шудааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаҳои илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои бадастомада ба

рушди тасаввуроти илми криминалистика мусоидат мекунад. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назарияviро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии тафтиши ҳодисаҳои худкушӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирӣ намудани ҳодисаҳои худкушӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шаванд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии «Криминалистика», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва «Криминология», ҳамзамон барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми криминалистика аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи ӯ дар тадқиқот, пешниҳоди ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ҳамчунин ба баланд бардоштани сатҳи навгониҳои илмии таҳқиқот, ки дар ҳимояи диссертатсия пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ мешаванд. Ҳамчунин, пешниҳодҳои нави илмӣ ва усулҳои амалии барои рушди соҳа дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим аст.

Дар раванди таҳқиқот муаллифи диссертатсия дар бораи тафтиши худкушӣ доир ба тавсифи криминалистикӣ ва унсурҳои он ба таври амиқ маълумот додааст. Дар рисола хусусият ва дараҷаи хатарнокии ин ҷиноятҳоро барои ҷомеа дар шароити муосир ва таҳлил кардани тафтиши худкуширо тавсиф кардааст. Илова бар ин, диссертант тавсияҳоеро барои такмил додани қонунгузорӣ ва беҳтар кардани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба раванди тафтиши ҷиноят дахл доранд, пешниҳод намудааст.

Таҳқиқоти мазкур бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои пасошуравӣ ба роҳ монда шудааст. Навоварии илмии тадқиқот дар асосҳои назариявӣ ва илмӣ-амалии дар сатҳи монография таҳияшуда оид ба тафтиши амали худкушӣ, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти тафтишоти пешакӣ ба роҳ монда шудаанд, инъикос ёфта, вазифаи умумии он аз

таъминоти тавсияҳои криминалистикии ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иборат аст.

Дуруст ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо маҷмуи маълумоти таҷрибавии ҳангоми таҳияи рисола муайян карда мешавад: маълумоте, ки аз бойгонии судҳои шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон дар бораи ҳодисаи худкушӣ ва ҷинояти ба худкушӣ расондан бақайдгирифташуда, инчунин истифодаи усулҳои қаблан дар тадқиқоти илмӣ барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири маълумот оид ба намуди муайяни ҳодисаҳои худкушӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор ва тафтиши худкушӣ; далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки дар асоси онҳо хулосаҳои ниҳоӣ асос ёфтаанд.

Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мавзуъ ва объектҳои таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои гузоштташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5,13 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Хабибова, Б.Х. Проблемаҳои муайянкунии мафҳум ва мазмуни тавсифи криминалистии худкушӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1 (25). – С. 259-266; ISSN 2414-9217.

**[2-М].** Хабибова, Б.Х. Ташкил ва гузаронидани пурсиши ҷабрдида дар ҳолатҳои ба худкушӣ расондан [Матн] / Б.Х. Хабибова // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (52). – С. 229-233; ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Ямакова, З.Д., Хабибова, Б.Х. Освидетельствование [Текст] / З.Д. Ямакова, Б.Х. Хабибова // Государствоведение и права человека. – 2021. – №2 (22). – С. 232-238; ISSN 2414-9217.

**[4-М].** Ямоқова, З.Д., Ҳабибзода, Н.Х. Хусусиятҳои тафтишоти ба худкушӣ расонидани ноболиғон бо истифода аз Интернет [Матн] / З.Д. Ямоқова, Н.Х. Ҳабибзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №2 (66). – С. 100-107; ISSN 2412-141X.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Носирзода, М.Б., Хабибова, Б.Х. Осмотр места происшествия [Текст] / М.Б. Носирзода, Б.Х. Хабибова // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2017. – №3 (19). – С. 145-149; ISSN 2307-5198.

**[6-М].** Хабибова, Б.Х. Тактикаи азназаргузаронии тафтишӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 309-310.

**[7-М].** Ямоқова, З.Д., Хабибова, Б.Х. Хатогиҳои хосси (типии) эксперт, сабабҳо ва роҳҳои бартараф кардани онҳо [Матн] / З.Д. Ямоқова, Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят». – Душанбе, 2018. – С. 11-17.

**[8-М].** Хабибова, Б.Х. Масъалаҳои криминалистии шаҳодаткунонӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021) ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ»». – Душанбе, 2019. – С. 203-204.

**[9-М].** Хабибова, Б.Х. Вазъиятҳои маъмулии тафтишотӣ дар мавриди тафтиши ҷинояти авбошӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2020. – С. 183-184.

**[10-М].** Хабибова, Б.Х. Хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми ба худкушӣ расонидан [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода», 110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2021. – С. 681-685.

**[11-М].** Хабибова, Б.Х. Вонамудкунонӣ (инссенировка) дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон». – Душанбе, 2022. – С. 328-338.

**[12-М].** Хабибова, Б.Х. Шахсияти ҷинояткор ҳамчун унсури тавсифи криминалистикии ҷинояти ба худкушӣ расондан [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115-солагии академики АИ ИҶШС Б. Ғафуров. – Душанбе, 2023. – С. 205-209.

**[13-М].** Хабибова, Б.Х. Масоили мубрами вонамудкунонии ҷиноятӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 369-373.

**[14-М].** Хабибова, Б.Х. Понятие самоубийство [Текст] / Б.Х. Хабибова // Материалы международной научно-теоретической конференция на тему: «Теоретические вопросы формирования культуры прав человека в Таджикистане», посвященной празднованию дня прав человека 5-го декабря 2023 года. – Душанбе, 2023. – С. 668-674.

**[15-М].** Хабибова Б.Х. Особенности осмотра места происшествия самоубийств посредством отравлении [Текст] / Б.Х. Хабибова // Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040 годы)». – Душанбе, 2024. – С. 437-441.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 23 июни соли 2025, №11 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ: 12 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ., профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби ҷаласа: н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмон С.С.**

**Имзоҳои Назаров А.Қ. ва Раҳмон С.С.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«25» июни соли 2025.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj